**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди**
**Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз руйи**
**ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.10.2024, № 36

Барои сазовор донистани Насимов Нуриддин Исоевич ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар рӯзи 09.07.2024 (суратмаҷлиси № 31) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Насимов Нуриддин Исоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Соли 1977 ба Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ) дохил шуда, онро бо ихтисоси “Муаллими забон ва адабиёти тоҷик” бо дипломи аълочӣ хатм кардааст.

Соли 1996 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Калимасозии феъл дар забони насри Садриддин Айнӣ» дар шурои диссертатсионии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ҳимоя намудааст.

Насимов Нуриддин Исоевич аз соли 2020 то ба ҳол дар Ташкилоти ҷамъиятии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд» фаъолият дорад.

Диссертатсия дар шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ Назарзода Сайфиддин.

**Муқарризони расмӣ:**

**Салимов Рустам Давлатович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – МДТ «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода».

Мутобиқи муҳтавои тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қосимов Олимҷон Ҳабибович, мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ Сафарова Гулчеҳра Файзовна, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ Матробиён Саодатшоҳ Қосим, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Каримов Самариддин Раҳматуллоевич ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. пешниҳод шудааст. Диссертатсияи доктории Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи «Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ)» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи бандҳои 32-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқарраротри бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва омӯзгорони муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳаи филология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо

таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 3 монография, 2 луғат ва 24 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

I. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Насимов Н. Суруди «Ман доғ»-и Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2022. – № 1/3 (101). – С. 60-67.

[2-М]. Насимов Н. Омори овозии фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 4 (99). – С. 45-51.

[3-М]. Насимов Н. Антропонимҳо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 6-1 (101). – С. 71-76.

[4-М]. Насимов Н. Лексикаи динӣ дар назми фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 5 (100). – С. 27-34.

[5-М]. Насимов Н. Топонимҳо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 96-102.

[6-М]. Насимов Н. Ном ва сифатҳои Худо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2023. – № 2. – С. 22-28.

[7-М]. Насимов Н. Воҳидҳои лингвофолклористӣ бо ном ва сифатҳои Худо дар эҷодиёти халқи Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1 (102). – С. 54-60.

[8-М]. Насимов Н. Соҳиби забону муаллифи фолклор – халқ [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 177-184.

[9-М]. Насимов Н. Мундариҷа ва сохтори забонии матнҳои фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. – С. 187-192.

[10-М]. Насимов Н. Афзоиши овозҳо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (105). – С. 7-12

[11-М]. Насимов Н. Калимаҳои арабӣ дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 5 (106). – С. 12-18.

[12-М]. Насимов Н. Афтидани овозҳо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе, 2023. – № 8. – С. 31-36.

[13-М]. Насимов Н. Фитонимҳо дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 10. – С. 58-62.

[14-М]. Насимов Н. Мавқеи морфемаи -ай дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6 (107). – С. 45-51.

[15-М]. Насимов Н. Ифодаи инкор дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2023. – № 2 (023). – С. 283-287.

[16-М]. Насимов Н. Калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 72-76.

[17-М]. Насимов Н. Номҳои вобаста ба ҳайвоноти хонагӣ дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 50-55.

[18-М]. Насимов Н. Диалектизмҳои лексикӣ дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 1 (108). – С. 12-18.

[19-М]. Насимов Н. Диалектизмҳои морфологӣ дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Суханшиносӣ. – 2024. – № 1. – С. 50-63.

[20-М]. Насимов Н. Калимаи *гул* ва мавқеи истифодаи он дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 50-54.

**II. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷмую нашрияҳои дигар ва конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмии зер ироа гардидааст:**

[21-М]. Насимов Н. Шумора дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Пайванд. Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». – Душанбе, 2023. – № 4 (54). – С. 74-79.

[22-М]. Насимов Н. Мавқеи хоси морфемаи *-ак* дар фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Самтҳои рушди адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии

муосири тоҷик» бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 100-солагии олими фолклоршинос, академик Раҷаб Амонов. – Хуҷанд, 2023. – С. 494-504.

[23-М]. Насимов Н. Раҷаб Амонов ва фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насим // Пайванд. Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». – Душанбе, 2024. – № 1 (55). – С. 99-105.

[24-М]. Насимов Н. Вожаи *булбул* дар «Маснавии маънавӣ» ва фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насим // Пайванд. Номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». – Душанбе, 2024. – № 2 (56). – С. 105-111.

**III. Вобаста ба мавзуи диссертатсия монография ва луғатномаҳои зерин таҳия ва чоп шудааст:**

[25-М]. Насимов Н. Назари лингвофолклористӣ ба баъзе хусусиятҳои фонетикии фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. Насимов. – Душанбе, 2023. – 142 с.

[26-М]. Насимов Н. И. Пажуҳиши фолклори Сари Хосор аз диди лингвофолклористӣ [Матн] / Н.И. Насимов. – Душанебе, 2023. – 334 с.

[27-М]. Насимов Н. И. Баъзе ҷиҳатҳои хоси забонии фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. И. Насимов. – Душанбе, 2023. – 156 с.

[28-М]. Насимов, Н. Вожаномаи хоссаи шеваи Кӯлоб [Матн] / Н. Насимов. – Кулоб, 1993. – 68 с.

[29-М]. Насимов Н. И. Луғати лингвофолклористии фолклори Сари Хосор [Матн] / Н. И. Насим. – Душанбе, 2023. – 250 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Гадоев Н. мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- дар фишурдаи диссертатсия (автореферат) мисолҳои зиёд оварда шудааст, ки кам кардани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

- баъзе гурӯҳҳои луғавию маъноии аносири луғавӣ равшан таъйин нагардидааст, дар натиҷа баъзе тобишу маъноҳо хира ба чашм мерасад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки як қисми аносири луғавӣ дар таркиби ҷумла ё матн оварда нашудаанд.

- дар кори мавриди назар ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ роҳ ёфтааст (саҳ. 18, 20, 35, 44), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусни кор меафзоянд.

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори

илмҳои филологӣ Муҳаммадҷонзода О. О. мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- хулосаи бобҳои рисола хеле мухтасар ба назар мерасанд. Мукаммалтар шудани онҳо ба манфиати кор мебуд.

- бо вуҷуди он ки унвонҷӯ шахси пухтакор зоҳир мегардад, дар саҳифаҳои диссертатсия ва фишурдаи он ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ, аломатҳои китобат ва техникӣ дида мешавад.

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи муовини директори филиали Донишгоҳи МТТ МИСИС дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ Нозимов А. А. мусбат буда, мавсуф эрод надорад.

4. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" Ҷӯраева С.Б. мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- дар автореферат ғалатҳои имлоӣ (ниг. с. 5, 12, 17, 22) мушоҳида мешаванд.

- дар баъзе бобҳо муаллиф фақат саргарми зикри мисолҳо шуда, онҳоро кам таҳлил менамояд.

5. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Н. Ш. мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- нуқсонҳои дастурӣ ва техникӣ ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст наменамоянд.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсони диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:**

- таҳқиқу баррасии дараҷаи омӯзиши масъалаҳои илмии **лингвофолклористика**ро дар робита ба мавзуъҳои забон ва фолклор, ки дар забоншиносию фолклоршиносии тоҷик бори нахуст матраҳ мегардад, **муҳим донистааст;**

- ҷойгоҳи хоса доштани таҳқиқ ва хулосаи назари фардӣ оид ба истифодаи истилоҳоти “фолклор”, “эҷодиёти даҳанакии халқ”, “адабиёти шифоҳӣ” ва “адабиёти гуфторӣ” дар илмро **собит сохтааст**;

- дорои аҳаммияти фавқулодда муҳим ба шумор рафтани арзёбӣ ва ибрози андешаҳои мухталиф вобаста ба омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, миллӣ ва китобу асарҳои динию дунявии марбута оид ба мавқеъ ва мақоми халқ – ҳамчун соҳиби забон ва муаллифи фолклорро **исбот кардааст;**

- рангорангии ин осори халқиро зимни пажуҳиши мундариҷа ва сохтори забонии матнҳои фолклории Сари Хосор аз нигоҳи лингвофолклористӣ **нишон додааст;**

- нишон додани омори овозии матнҳои фолклории Сари Хосор, инъикоси мавқеи хоси баъзе овозҳо дар фолклори мазкур, истеъмоли воҳидҳои фонетикӣ дар ташаккул ва сохти кулли калимаҳои матнҳои фолклории ин диёр, муайян кардани сабабҳои ба таҳаввулот дучор омадани воҳидҳои овозӣ ва луғавии матнҳои фолклорӣ, дар маҷмуъ пажуҳиши ҳодисаҳои фонетикии фолклори мазкур дар муайян сохтани ҷанбаҳои савтии ганҷинаи даҳанакии халқро **ҷоизи аҳаммият шумурдааст;**

- пажуҳиши омори дақиқи таркиби луғавии забони фолклори Сари Хосор, калимаҳои аслан тоҷикию мутааллиқ ба захираи луғавии забон ва калимаҳои иқтибосӣ вобаста ба мавзуъҳои марбутаи баҳси лингвофолклористиро аз масоили муҳимми матраҳшуда **ҳисобидааст;**

- аз рӯйи матнҳои фолклории Сари Хосор таҳқиқ намудани баъзе аз қабатҳои вожагонӣ ва шарҳу тавсифи онҳоро барои нишон додани мавқеи онҳо **сазовори аҳаммият медонад;**

- дар муаррифии маводи лингвофолклористӣ дарҷ намудани доираи истифодаи муродифот (синонимҳо), ҳамгунҳо (омонимҳо) ва мутазодҳо (антонимҳо) ва тафсири маънои онҳоро **ба исбот расонидааст;**

- арзёбии диалектизмҳо аз нигоҳи лингвофолклористӣ ҳамчун як қисми таркиби луғавии забони фолклори Сари Хосор, гурӯҳбандии диалектизмҳои лексикӣ, дараҷаи истифодаи диалектизмҳои фонетикӣ ва таснифи онҳо аз рӯйи маъно ва баромад; таҳлили диалектизмҳои грамматикӣ; муайян кардани диалектизмҳои фразеологии феълӣ мавқеи онҳоро дар фонди вожагонӣ ва таркиби луғавиро равшан **муайян кардааст;**

- дар натиҷаҳои пажуҳиш, хулоса ва пешниҳодот **андешаҳои ҷамъбастӣ намудааст**.

**Асосҳои назарии таҳқиқ дар он нукта хулоса шудааст,** ки довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз назару ақидаҳои илмии муҳаққиқон мавзуи таҳқиқро дар заминаи меъёрҳои маъмулии шинохт ва равишҳои анъанавии илмӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст.

**Дар иртибот ба масъалаҳои диссертатсия аз чунин усулҳои гуногуни забоншиносӣ самаранок истифода шудааст:** мушоҳида, шарҳдиҳӣ, таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ, ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва дерзамонӣ ё таърихӣ (диахронӣ) оморӣ.

**Зикр шудааст, ки асосҳои назарӣ ва амалии омӯзиши мавзуъ** нишон додаанд, ки дар диссертатсия бори нахуст масъалаҳои назарии баҳси илми лингвофолклористка аз рӯйи матнҳои фолклории Сари Хосор ба миён гузошта шуда, мавриди пажуҳиш қарор ёфтаанд, ки ин метавонад ба муҳаққиқон, пажуҳишгарон, мутахассисони соҳаи забоншиносӣ, фолклоршиносӣ, лаҳҷашиносӣ ва дар умум лингвофолклористика, донишмандон, олимон ва сатҳҳои гуногуни зикрёфта **роҳнамо бошад** ва барои таҳқиқи маводи фолклорӣ дар забоншиносии тоҷик **замина гардад.**

**Муайян карда шудааст, ки** омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои овоию вожагонии лингвофолклористии матнҳои фолклорӣ дар рушду инкишофи илми забошиносии мусоидат намояд.

Дар ин замина масъалаҳои лингвофолклористӣ, аз ҷумла, ҷанбаҳои овӣ ва вожагонӣ дар матнҳои фоклории Сари Хосор амалан **омӯхта ва нишон дода шудааст.**

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ бадастовардаи довталаб бо он тасдиқ карда мешавад, ки:**

**натиҷаҳои таҳқиқот** ва хулосаи мавзуи мазкур мумкин аст дар муассисаҳои илмӣ ва таълимии ҷумҳурӣ лингвофолклористика ҳамчун фан ва ё ихтисос **ба роҳ монда шавад;**

натиҷаи диссертатсия метавонад дар муассисаҳои олии таълимию илмӣ зимни машғулиятҳои назарию амалии фанҳои марбут ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва лингфолклористика, ҳамчунин, курс ва семинарҳои тахассусӣ доир ба лаҳҷашиносӣ, фразеология ва услубшиносӣ, инчунин, ҳангоми тартиб додани луғатҳо, фарҳангҳои лингвофолклористӣ ва диалектологию фразеологӣ **истифода гардад.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмию назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми моводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Ғояҳо дар заминаи** сарчашмаҳои муътамади илмӣ асос ёфтаанд.

Ҳангоми таҳқиқу баррасии масъалаҳои забони фолклор ва лингвофолклористӣ осори муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, чун Ф.И. Буслаев, А.А. Потебня, А.П. Евгенева, П.Г. Богатирев, И.А. Оссоветский, А.Т. Хроленко, С.Е. Никитина, Е.Б. Артеменко,

Ф.М. Гучетл, Л.Н. Виноградова, М.А. Бобунова, Е.И. Алешенко, Ю.А. Шуплетсова, С.П. Праведников, И.Н. Саллагова (Цаллагова), М.А. Бобунов, А.М. Летова, Ф.О. Абаева, Е.Н. Девитская, Е.Б. Бесолова, Т.П. Бетсенко (Беценко), С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Ф. Амонова, Р. Л. Неменова, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, Ғ. Ҷӯраев, А.Л. Хромов, Р. Ғаффоров, О. Ҷалолов, Р. Саидов, Д. Саймиддинов, Д. Хоҷаев, Ш. Исмоилов, М. Эшниёзов, Ф. Зикриёев, С. Назарзода, О. Қосимов, С. Мирзоев, О. Муҳаммадҷонзода, Ф. Шарифзода, Ҷ. Алимӣ, С.Ю. Абодуллоева, П. Нуров, С. Раҳматуллозода, Ҳ.Б. Султон, М. Маҳмудов, Ҷ. Мурватов ва дигарон **истифода шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқшаванда бори нахуст ҷанбаҳои овоию вожагонии лингвофолклористии матнҳои фолклории Сари Хосор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад.** Диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақолаҳо интишор гардида, тавассути маҷаллаҳо, маҷмуаҳои дастҷамъӣ, маҷаллаҳои тақризшавандаи донишгоҳҳо ва институтҳои пажуҳишӣ ба китобхонаҳои асосии илмӣ дар дарсҳои назарию амалӣ ва мустақилонаи факултетҳои филологӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯён ва омӯзгорон истифода мешавад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** метавонанд дар муассисаҳои олии таълимию илмӣ зимни машғулиятҳои назариявию амалии фанҳои марбут ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва лингфолклористика, ҳамчунин курс ва семинарҳои тахассусӣ доир ба лаҳҷашиносӣ, фразеология ва услубшиносӣ, инчунин ҳангоми тартиб додани луғатҳо, фарҳангҳои лингвофолклористӣ ва диалектологию фразеологӣ истифода гардад.

Масъалаҳои ироашуда метавонад барои мураттаб сохтани барномаҳои таълимӣ ва маҷмуаи таълимию методӣ аз фанҳои лингвофолклористика, вожашиносӣ (лексикология), лаҳҷашиносӣ ва дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба лингвофолклористика ба кор равад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ аз 22-юми октябри соли 2024 дар бораи ба Насимов Нуриддин Исоевич додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, № 196 ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1 нафар.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Шарифзода Ф.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Мухамедходжаева Р.А.**

**22. 10. 2024**